# ҚАРОРИ

## Ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демография Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

19 сентябри соли 2023, № 13 ш. Душанбе

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдугафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо, тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Мирсаидов Аврор Бобоевич тақризи муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: Насиров Раҳимбек – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи ташкили истеҳсолот дар корхонаҳои комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва баромадҳой мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.к., профессор Садридинов С., д.и.и. Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Рауфӣ А., д.и.и., профессор, академик Каюмов Н. Шурои диссертатсионии 6D.KOA-017 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзоёни Шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзӯи диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна

### ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Махкамова Чамангул Абдуғафоровна дар мавзӯи «Мукаммалгардонии методҳои ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо ба талаботи муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамояд.

3. Ба Махкамова Чамангул Абдуғафоровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Махкамова Чамангул Абдуғафоровна бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонада шавад.

Ки тарафдори қарори Шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳад. Зид -нест, бетараф -нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси Шуро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия ва сарфароз гаштан ба дараҷаи илмии номзадӣ илмҳои иқтисодӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пӯшида эълон мешавад.

**Раиси**
**Шурои диссертатсионӣ, д.и.и.** **Ҷонмамадов Ш.Б.**

**Котиби илмии**
**Шурои диссертатсионӣ, н.и.и.** **Бобоев К.О.**

**19.09.2023с.**